*ТДУ 372.8:802.0 (575.3)*
*DOI:10.51844-2077-4990-2022-2-217-222*

***ИСТИФОДАИ ВИДЕО ҲАМЧУН МАВОДИ МУЛТИМЕДИЯВӢ ДАР ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ***

***Розиқов Баҳром Маҳмасолиҳович,*** *унвонҷӯи кафедраи курси амалии забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Тоҷикистон, Бохтар)*

***ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ВИДЕО В КАЧЕСТВЕ МУЛЬТИМЕДИЙНОГО СРЕДСТВА ОБУЧЕНИЯ АНГЛИЙСКОМУ ЯЗЫКУ***

***Розиков Бахром Махмасолихович,*** *соискатель кафедры практического курса английского языка Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава (Таджикистан,Бохтар)*

***USING VIDEO AS MULTIMEDIA MATERIAL IN TEACHING OF ENGLISH***

***Rozikov Bahrom Makhmasolikhovich,*** *claimant for candidate degree of the department of practical English course under Bokhtar State University named after Nosir Khusrav (Tajikistan,Bokhtar),*
***E-mail:*** *broziqov86@bk.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *маводи видеоӣ, мултимедия, забони англисӣ, таълим, донишҷӯ, машқҳо, инкишоф, принсип, методика, малакаю маҳорат, муошират*

*Мақола пайгири таҳқиқу баррасии истифодаи видео ва навъҳои гуногуни маводи видеоӣ ҳамчун воситаи таълим ва маводи мултимедиявӣ дар рафти таълими забони англисӣ мебошад. Қайд карда мешавад, ки дар солҳои охир мафҳуми “мултимедия” мақоми хоса касб намуда, дар самти таълими забонҳои хориҷӣ васеъ истифода шуда истодааст. Видео ва маводи видеоӣ ҳамчун воситаи таълим ва маводи мултимедиявӣ дар азхудкунии ҷанбаҳои гуногуни забони англисӣ нақши муҳим мебозад. Махсусан барои татбиқи мақсади асосии омӯзиши забони англисӣ, рушди малакаҳои муоширатӣ мусоидат менамояд. Муаллиф мақола назарияи муҳаққиқонро доир ба мавзӯъ мавриди таҳқиқ баён намуда, мушкилоту муваффақиятҳои мавзӯи таҳқиқро масъалагузорӣ намудааст. Мисолҳо вобаста ба истифодаи навъҳои гуногуни видео пешниҳод шуда, тавсияҳои зарурӣ оварда шудаанд. Муаллиф фикру ақидаҳои худро ҷамъбаст намуда, хулосаи худро пешниҳод сохтааст. Муаллиф таъкид месозад, ки риояи як қатор талабот оид ба истифодаи маводи видеоӣ шарт ва зарур мебошанд.Мақола ба яке аз масъалаҳои муҳими методикаи таълими забони англисӣ, истифодаи маводи видеоӣ бахшида шуда, ба таври мухтасар аз мушкилоту муваффақиятҳои масъала маълумот медиҳад.*

***Ключевые слова:*** *видео, мультимедиа, английский язык, обучение, студенты, задачи, приоритеты, упражнения, требования, развитие, принципы, методы, навыки, общение*

*В статье рассматривается проблема использования различных видеоматериалов в качестве учебного средства и мультимедийных материалов в процессе обучения английскому языку. Отмечается, что в последние годы понятие «мультимедиа» приобрело особое значение и широко используется в обучении иностранным языкам. Видеоматериалы как средство обучения играют важную роль в овладении различными аспектами английского языка. В частности, способствуют достижению основной цели изучения английского языка – развитию коммуникативных навыков. Обосновываются идеи автора, рассматриваются проблемы и успехи предмета исследования, приведодятся примеры использования различных видеоматериалов и даются необходимые рекомендации. Автор обобщает свои идеи и представляет выводы по теме исследования. В заключении подчеркивает, что при использовании видеоматериалов следует соблюдать ряд требований. Статья посвящена одному из важнейших вопросов методики преподавания английскому языку – использованию видеоматериалов, также представлен краткий обзор проблем и успехов предмета исследования.*

***Key words:*** *video, multimedia, English, learning, students, tasks, priorities, exercises, requirements, development, principles, methods, skills, communication*

*The article dwells on the issue concerned with using various video materials as a teaching tool and multimedia materials in the process of English teaching. It is underscored that in recent years the concept of "multimedia" has acquired a special meaning and is widely used in teaching foreign languages. Video materials as a learning tool play an important role in mastering various aspects of the English language. In particular, they contribute to the achievement of the main goal of learning English - the development of communication skills. The ideas of the author are substantiated, the problems and successes of the subject of research are considered, examples of the use of various video materials are given and the necessary*

*recommendations are given. The ideas are summarized and conclusions are presented on the research topic. In the end, he emphasizes that a number of requirements must be met when using video materials. The article is devoted to one of the most important issues in the methodology of teaching English - the use of video materials, and a brief overview of the problems and successes of the subject of research is presented.*

Ҳангоми тадриси забони англисӣ дар шароити таҳсилоти олии касбӣ мо бо мавҷуд набудани муҳити зиндаи забонӣ, муошират карда натавонистан бо соҳибзабонон, ҳаҷми ками соатҳои таълимӣ аз фанни “Забони англисӣ” ва амсоли инҳо барин мушкилот рӯ ба рӯ мешавем,ки ин албатта ба сатҳи забономӯзии донишҷӯён таъсири худро мерасонад.Ташаккули салоҳияти коммуникатсионӣ, ки ҳадафи асосӣ ва пешбари таълими забони англисӣ мебошад, бо таъсири омилҳои зикршуда ба таври зарурӣ татбиқ намегардад. Муошират бо забони англисӣ, бе рушди малакаи хуб инкишофёфтаи нутқи шифоҳӣ ғайриимкон аст.Барои муошират озоду беғалат бо забони англисӣ донистани қоидаҳои грамматикаю имло, пайваста ғанӣ гардонидани захираи луғавӣ, донистани хусусиятҳои фонетикии забон, дарки анъана ва фарҳанги забони омӯхташаванда ва албатта, инкишофи малакаю маҳоратҳои гуфторро талаб менамояд.

Ноил шудан ба ҳадафи зикршуда бе истифодаи технологияҳои муосир ва воситаю маводи мултимедиявии таълим, аз қабили айёният, маводи иловагии тақсимшаванда, сабтҳои аудиоӣ, маводи видеоӣ ва видеофилмҳо ғайриимкон аст. Бо вуҷуди муҷаҳҳаз будани донишкадаю донишгоҳҳои кишвар бо технологияҳои гуногуни иттилоотӣ омӯзгорон дар рафти дарс аксар вақт аз онҳо самаранок истифода намебаранд. Яке аз сабабҳои асосӣ дар он аст, ки китобҳои дарсӣ ва маҷмӯаҳои таълимию методии ватанӣ аз забони англисӣ маводи аудиоию видеоӣ надоранд. Барои самарабахш истифода бурдани технологияҳои иттилоотӣ омӯзгоронро зарур меояд, ки аз шабакаи интернетӣ маводи аудиоӣ ва видеоиро ҳамчун маводи иловагӣ интихоб ва истифода намоянд. Ҳарчанд истифодаи филмҳо ва маводи видеоӣ дар дарси забони англисӣ яке аз намудҳои фаъоли таълим мебошад, барои фароҳам овардани шароити зарурии муошират мусоидат мекунанд.Мақсади мақолаи мазкур таҳқиқ ва муайян намудани таъсири истифодаи маводи видеоӣ ҳамчун яке аз намудҳои маводи мултимедиявӣ дар дарсҳои забони англисӣ муайян гардидааст. Таҳқиқи истифодаи амалии маводи видеоӣ бо мақсади рушди маҳорати суханронии донишҷӯён, инчунин кӯшиши дарку фаҳмиши нутқи шунидашуда муайян шудааст. Илова бар ин, мушкилоти ҷойдошта муайян гардида, роҳу усул ва методҳои рафъи мушкилот пешниҳод гардидааст.Дар тадқиқоти мазкур маводи видеоӣ ҳамчун яке аз намудҳои маводи мултимедиявӣ фаҳмида мешаванд, ки вазифаи интиқоли иттилоот ва қабули фикру мулоҳизаро дар раванди дарк ва азхудкунии он бо мақсади рушди минбаъдаи малакаҳои муайяни донишҷӯён дар дарси забони англисӣ таъмин мекунанд. Маводи видеоие, ки дар дарсҳои забони англисӣ истифода мешаванд, бояд аслӣ (аутентӣ) бошанд. Яъне, аз ҷониби соҳибзабонон таҳия гашта бошанд. Бо вуҷуди он, ки баъзе маводи видеоии дар рафти дарсҳо истифодашаванда хусусияти таълимӣ надоранд, аммо аз сабаби оне, ки онҳо аз ҷониби соҳибзабонон омода шудаанд, метавонанд ба баъзе ҷанбаҳои раванди таълим таъсири мусбат расонанд.

Ба суоле, ки то кадом андоза маводи видеоӣ, порчаҳои худру калонҳаҷм, филмҳои таълимӣ, видеоҳои хусусияти таълимидошта метавонанд ба раванди таълим, азхудкунии маводи таълим, мавзӯи дарс, рушди малакаҳои муошират таъсири мусбат расонанд, посух пайдо намоем.

Ба андешаи методистони ватанию хориҷӣ, маводи видеоӣ ва видеофилмҳо «... дар муқоиса бо матнҳои чопӣ ва садоӣ дорои афзалияти бештари лингвометодӣ буда, раванди муошират фарҳангӣ ва байнифарҳангиро равшан нишон медиҳанд» [14]. Ҳангоми истифодаи амалии видео «... принсипи воридшавӣ ба муҳити забонӣ, иҷтимоию фарҳангии забони хориҷии омӯхташаванда амалӣ гардада, тасаввуроти муҳассилинро бо муҳити табиии забон, моделсозии вазъи коммуникативӣ ворид сохтан ба вуҷуд меояд» [4, с. 78].

Истифодаи сабтҳои видеоӣ дар дарси забони англисӣ ба фардикунонии омӯзиш ва рушди ҳавасмандии донишҷӯён ба фаъолияти нутқ мусоидат мекунад. Хусусияти маводи видеоӣ ҳамчун воситаи таълими забони англисӣ дар мактаби олӣ иртиботро бо объектҳои воқеӣ таъмин намуда, муоширатро дар муҳити воқеии забони англисӣ таъмин мекунад: донишҷӯён, чун, иштирокчиёни саҳнаҳои видео, нақш мебозанд, ҳолатҳои гуногунро аз сар гузаронида, тавассути нақшофаринӣ ба мушкилот, проблемаҳо ва муваффақиятҳои навор ворид мешаванд. Илова бар ин, донишҷӯён дар бисёр саҳнаҳои маводи видеоӣ шоҳиди ҳаёти ҳаррӯзаи кишварҳои англисзабон шуда, бо урфу одат, анъанаҳои халқӣ, ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию мадании мардуми англисзабон ошно хоҳанд шуд. Тамошои маводи видеоӣ ва видеофилмҳо на

танҳо ба омӯзиши забони табиию, зинда мусоидат мекунад, балки ҳамчун як ангезаи пурқуввате барои баланд бардоштани ҳавасмандии донишҷӯён хизмат мекунад.

Ҳангоми истифодаи видеофилмҳо дар дарси забони англисӣ ду намуди ҳавасмандкунӣ инкишоф меёбад: ҳавасмандии аввал, он аст, ки филм худ ҷолиб буда, диққати тамошобинро ҷалб месозад ва ҳавасмандии дувум, он аст, донишҷӯ ҳини тамошои филм пай мебарад, ки ба мазмуну мундариҷаи филм сарфаҳм меравад, маълумоти шунидаашро дарк менамояд. Яъне, дарки нутқи шунидашуда шавқу ҳаваси донишҷӯёнро дучанд меафзояд ва барои худомӯзии минбаъда заминаи устувор мегузорад.Бартарии дигари видео ин қудрати таассурот ва таъсири ҳисси ба ҳолати рӯҳию равонии донишҷӯён мебошад. Аз ин рӯ, диққати асосӣ бояд ба ташаккули муносибати шахсии донишҷӯён ба чизҳои дидаашон равона карда шавад. Бомуваффақият ноил шудан ба ин мақсад танҳо дар сурати мунтазам намоиш додани видеофилмҳо, порчаҳои видеоии таълимӣ ва намудҳои гуногуни маводи видеоӣ бо назардошти риояи талаботи методӣ ташкил кардан мумкин аст.

Принсипи рушддиҳандаи таълимро татбиқ намуда, видео барои таълими ҳамаи чор намуди фаъолияти нутқ (хондан, гуфтор, тафоҳум ва навиштан), ташаккули қобилиятҳои лингвистӣ (тавассути машқҳои забонӣ ва нутқ), эҷоди ҳолатҳои муошират ва омӯзиши мустақим кӯмак расонида, дарку фаҳмиши фарҳангу таърихи кишвари забони омӯхташавандаро таъмин месозад [5,с.18]. Қабл аз он, ки видеоро дар шаклҳои гуногунаш ҳамчун воситаи таълим ва маводи мултимедиявӣ қабул намоем, мебояд шарҳи «Воситаи таълим»-ро аз нуқтаи назари методикаи таълими забони хориҷӣ пешниҳод созем. Қобили зикр аст, ки мафҳуми мазкурро муҳаққиқон ва методистон гуногун шарҳ додаанд.Воситаҳои таълим ашёи аз ҷониби инсон омодашуда, инчунин объектҳои табиие мебошанд, ки дар раванди таълим ҳамчун интиқолдиҳандаи иттилооти таълимӣ ва воситаи фаъолияти омӯзгору муҳассилин барои ноил шудан ба ҳадафҳои таълим, тарбия ва инкишоф истифода мешаванд [16]. Маводи видеоӣ низ ҳамчун воситаи таълим ба соҳаи таҳсилот ворид шуда ва он имрӯзҳо метавон ҳамчун маводи мултимедиявӣ ном бурд. Барои татбиқи мақсадҳои гузошташудаи таълим истифодаи видео дар дарси забони англисӣ бояд бештар аз тамошои намоиши телевизионӣ ва филмҳои муқаррарӣ бошад. Дар акси ҳол самаранокии тамошои маводи видеоӣ коста гардида, хусусияти таълимии он аз байн меравад. Пас, метавон ба хулосае омад, ки тавре дар боло қайд гардид, тамошои видеофилмҳо ва маводи видеоӣ бо методҳои махсуси таълим ба роҳ монда шаванд. Роҳу усул ва методҳои гуногун ва зиёди истифодаи самараноки видеофилмҳо ва маводи видеоӣ аз ҷониби методистони маъруфи ватанию хориҷа пешниҳод шудааст. Вобаста ба пешниҳоди видео ҳамчун воситаи таълим корҳои илмию тадқиқотӣ низ анҷом ёфта, натиҷаи онҳо дар ҷараёни таълим истифода мешаванд. Назарияи таҳқиқи мо ба асарҳои илмӣ, монография ва натиҷаи тадқиқоти олимону муҳаққиқони маъруф ба монанди Галскова Н.Д., Гез Н.И., Каменетская Н.П., Ефременко В.А., Мятова М.И., Леонович Е.О., Смирнов И.Б., Ким Н.А., Ливенес М.А., Малишева С.В., Перкова В.Г., Рожкина Е.В., Саприкин Э.Э., Шеглов Ю.А., Кириллова Е.П., Лазарева Б.Т., Эрнарестен Н., Петрушин С.И., Китайгородская Г.А., Устинова Е.С., Еналиева Т.М., Колкова М.К., Краевский В.В., Хуторской А.В., Будко А.Ф., Петрова С.И., Соколова Е.Н., Рогова Г.В., Верешагина И.Н., Филатов В.М., Белогрудова В.П., Исаева Т.Е., Шукин А.Н. асос ёфтааст. Муҳаққиқони тоҷик, аз қабили С.Н.Алиев, П.Ҷамшедов, К.Усмонов, А.Бойматов, И.Эмомов, А.Ҷ. Қаюмов ва дигарон дар хусуси истифодаи маводи видеоӣ ва видеофилмҳо ҳамчун маводи мултимедиявӣ ва воситаи таълимӣ фикру ақидаҳои худро иброз дошта, дар тадқиқоти худ аҳамияти методии видеоро дарҷ намудаанд. Истифодаи натиҷабахши видео дар рафти таълими забони англисӣ аз омӯзгор малакаю маҳорати махсусро талаб менамояд. Зарур аст, ки мавсуф навъҳои гуногуни маводи видеоӣ ва методҳои кор бо онҳоро хуб донад ва принсипҳои махсуси таълимро риоя намояд. Муаллим ҳангоми пешниҳоди навори видеоӣ баъзе нуқтаҳои онро шарҳ дода, машқу супоришҳои вобаста ба видеоро пеш аз тамошо ва баъд аз тамошо ба донишҷӯён мефаҳмонад. Баъди тамошои видео донишҷӯён таассуроти худро аз видео баён мекунанд. Дар сурати пешниҳод шудани машқу супоришҳо ба иҷрои онҳо мепардозанд. Ҳангоми истифодаи маводи видеоӣ ва видеофилмҳо метавон аз жанрҳои гуногун аз қабили филмҳои кишваршиносӣ, фарҳангшиносӣ, филмҳои ҳуҷҷатӣ, видеоҳои таълимӣ интихоб намуд. Мутобиқсозии филмҳои бадеӣ ба раванди таълим ва интихоби видеоҳои мутобиқ ба сатҳи забондонии донишҷӯён барои ташкили мубоҳисаҳо имкони васеъ фароҳам оварда, барои рушди малакаю маҳорати нутқии онҳо мусоидат менамояд. Хусусиятҳои равонии таъсири видеоҳои таълимӣ ба донишҷӯён

(қобилияти назорат кардани диққати ҳар як донишҷӯ ва аҳли гурӯҳ, таъсир ба ҳаҷми хотираи дарозмуддат ва баланд бардоштани қобилияти хотира, таъсири ҳисси ба онҳо, боло бурдани ҳавасмандӣ ба омӯзиш) ва интенсификатсияи раванди таълим мусоидат намуда, барои ташаккули салоҳияти коммуникатсионии (лингвистӣ, иҷтимоӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ) донишҷӯён шароити мусоид фароҳам меорад. Дар методикаи таълими забонҳои хориҷӣ ҳангоми кор бо матн методистҳо се марҳилаи асосиро ҷудо мекунанд:

• марҳилаи пешазматнӣ (pre-viewing);
• марҳилаи матнӣ (while viewing);
• марҳилаи баъдиматнӣ ((post) after-viewing) [3, с.137].

Ҳар як марҳила дорои хусусиятҳои хоси худ буда, риояи талаботи ҳар як марҳила зарур аст. Аз ин рӯ,мо низ донистем, ки ҳар як марҳиларо дар алоҳидагӣ баррасӣ намоем.

Методистон ду ҳадафи асосиро барои марҳилаи пешазматнӣ муайян карданд:

1. Донишҷӯёнро ҳавасманд гардонда, онҳоро барои иҷрои машқу супоришҳо ва вазифа омода намуда, ба иштирокчиёни фаъоли раванди таълим табдил додан;

2. Мушкилоти имконпазирро дар дарки матн бартараф намуда, донишҷӯёнро барои бомуваффақият иҷро намудани супоришҳо омода намудан.

Вазифаҳое, ки метавонанд дар ин марҳила истифода шаванд:

- ҷамъбасти донишҳои қаблан андӯхташуда оид ба мавзӯъ;
- тамошои бесадои як қисми филм (ба таври умумӣ);
- бо рӯйхати калимаҳои нав, бо тарҷума ё таърифҳои пеш аз матн овардашуда мебояд кор кард [2, с.28]. Қадами навбатӣ – марҳилаи матнӣ ё худ кор бо матн мебошад. Мақсади асосии ин марҳила таъмини рушди минбаъдаи салоҳиятҳои забонӣ, нутқӣ ё иҷтимоию фарҳангии донишҷӯён бо назардошти имкониятҳои воқеии умумигардонии забони хориҷӣ мебошад.

Намудҳои кор дар марҳилаи мазкур:

1. Пайдо кардан / интихоб намудан / хондан / пайвастан / гузоштан:
- ҷавобҳо ба саволҳои пешниҳодшуда;
- тасдиқи дуруст / нодуруст будани изҳорот;
- сарлавҳаи мувофиқ барои ҳар як банд;

2.Тахмин кардан:
-дар бораи маънои калима, ибора ё калимаҳои дохили матн;
-кадоме аз тарҷумаҳои пешниҳодшуда/кадом таърифи калима маънои онро дар ин замина дурусттар инъикос мекунад;
- чӣ гуна рӯйдодҳо дар боби дуюм/қисми минбаъдаи матн [12] инкишоф меёбанд.

Марҳилаи сеюм–марҳилаи баъд аз матн аст.Мақсади ин марҳаларо низ методистон чунин ҷудо мекунанд: истифодаи матни аслӣ ҳамчун асос ва дастгирии рушди малакаҳои истеҳсолӣ дар нутқи шифоҳӣ ё хаттӣ. Дар ин марҳила, метавон истифода бурд: корҳои лоиҳавӣ, ки бо омода кардани видеоҳои шабеҳ дар ихтиёри худ (сабти видеоии сафарҳо ва саёҳатҳо ба шаҳр / коллеҷ ва ғ., ҳикоя дар бораи оилаи худ ва ғ.; бозиҳои нақшофаранда, ки дар асоси сюжет ё ҳолатҳои филми видеоӣ омода шудаанд) [13].

Баъд аз таҳқиқи назариявӣ, омӯзишу таҳлили адабиёти илмию методӣ ва муайян кардани мушкилоти ҷойдошта мо як маҷмӯи хурди машқҳоро барои корҳои амалӣ бо маводи видеоӣ таҳия кардем. Шояд машқҳои овардашуда пештар мавриди истифода қарор гирифта бошанд, аммо мо кӯшиш кардем, ки бо такя ба таҷрибаи пешин ва баррасии масъалаи тадқиқот машқҳои наву муосир пешниҳод намоем. Мисол: 1.Кор бо муколамаҳои видеоӣ(10 - 15 дақиқа)

Муаллим порчаеро аз филме, ки 3-5 дақиқа давом дорад, дар он суханҳо равшану возеҳ гуфта шуда бошад, аз ҷиҳати шакл ва мазмун сода бошад, интихоб мекунад.Ҳар як эродро дар варақаи алоҳида менависад. Донишҷӯёнро ба якчанд гурӯҳ тақсим мекунад ва ба ҳар гурӯҳ маҷмӯи пурраи кортҳои дорои муколама медиҳад. Гурӯҳ бояд ба сатрҳои матнӣ нигоҳ кунад, аммо ба кортҳо назар накунад ва баъд сатрҳои матниро бо тартиби дар сабт пайдошуда гузорад. Пас аз ин, бояд донишҷӯ дубора ба порча нигарад ва тартиби дурусти гуфторро тафтиш кунад.

2. Five W's and H (15–20 дақиқа)

Муаллим аз барномаи ахбори телевизионӣ порчаи видеоиеро интихоб мекунад, ки онро натток мехонад ва барои додани ҳама гуна саволҳои махсус маводи кофӣ дорад. Ӯ минбаъд ба донишҷӯён мефаҳмонад, ки онҳо акнун хабари воқеиро хоҳанд дид, ки дорои маълумот барои посух ба саволҳои зерин мебошанд:

Who is about? (Дар бораи кист?)
What is about? (Дар бораи чист?)
When did it happen? (Кай ин воқеа рӯх додааст?)
Where did it happen? (Дар куҷо ин воқеа рӯх додааст?)
Why did it happen? (Барои чӣ ин воқеа рӯх додааст?)
How did it happen? (Чигуна ин воқеа рӯх додааст?)

Муаллим дар тахтаи синф ин шаш саволро менависад ва донишҷӯёнро аз он огоҳ мекунад, ки дар порчаи матнӣ чӣ қадар навигарӣ мавҷуд аст. Вазифаи муҳим ин аст, ки шунидану кӯшиш, дарку фаҳмидани видео кардан аст. Вазифаи пеш аз тамошои дуюмин бор тамошои видео – шунидан ва қайд кардан дар паҳлӯи ҳар як савол аст. Пас аз тамошои дуюм донишҷӯён ба ин шаш савол ҷавоб медиҳанд.

3. Мубоҳиса.

Муаллим порчаеро интихоб мекунад, ки дорои баъзе фикру ақидаест ва метавонад боиси ихтилофот ва баҳсу мунозира шавад. Ин изҳорот дар тахтаи синф навишта мешавад. Сипас, донишҷӯён ба порчае назар мекунанд, ки ин идеяро дар бар мегирад. Пас аз тамошои навори видео донишҷӯён ба ду гурӯҳи “тарафдор” ва “муқобил” ҷудо шуда, ҳар як даста роҳбар интихоб мекунад. Роҳбар дар аввал фикри умумии коллективро баён карда, дар охир фикри ҷамъбастиро пешниҳод месозад. Илова ба машқҳо, мо нақшаи дарсеро дар мавзӯи «Британияи кабир» тартиб додем. Мақсад ва вазифаҳои дарси мазкур: такмили маҳорати нутқ; рушди малакаҳои гуфтор ва тафоҳум; бедор намудани шавқу рағбати донишҷӯён ба омӯзиши забони англисӣ ва пайдо намудани маълумоти фарҳангию маданӣ дар бораи кишвари англисзабон.

Дар марҳилаи санҷиши дониш ва малакаҳо ба донишҷӯён чунин вазифа пешниҳод карда мешавад:

1) Калимаҳоро дар сутунҳо мувофиқ гузоред (мувофиқи матни қаблан омӯхташуда).
2) Ҷойҳои холии ҷумлаҳоро пур кунед.
3) Аз калимаҳои додашуда ҷумла созед [11,с.85].

Дар марҳилаи омӯзиши маводи нав пешниҳод карда мешавад, ки видеороликҳоро дар бораи мавзеъҳои ҷолибу тамошобоби Британияи кабир барои дарки аввал тамошо кунанд «Greenwich Katarinch’s Dock» (Бандари Гринвич Катаринч), «Westminster abbey» (Аббистони Вестминстер), («Buckingham Palace» (қасри Букингем), «Tower Bridge» (пули Тавер), «Trafalgar Square» (майдони Трафалгар).Дар марҳилаи мустаҳкамкунии маводи омӯхташуда барои азхудкунии сужаҳои тамошошуда корҳои таълимӣ ба иҷро расонида мешаванд. Ҳар як сужа бори дуюм ба намоиш гузошта шуда, инчунин барои санҷиши дарки мавод супоришҳо пешниҳод карда мешаванд.Барои ҳар як сужаи видео мубоҳисаҳои гурӯҳӣ барпо карда мешавад. Дар рафти ин мубоҳиса калимаю ибораҳои нав ва истилоҳоти соҳавӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гирифта, қоидаҳои азхудкардаи грамматикию фонетикӣ ва лексикӣ дуруст истифода мешаванд.

Ҳамин тавр, дар ин марҳилаҳои дарс дидан мумкин аст, ки чи тавр истифодабарии видео барои беҳтар аз худ намудани мавод мусоидат мекунад, шавқу завқи донишҷӯёнро ба омӯзиш бедор месозад. Тамошои маводи видеоӣ метавонанд ба рушди малакаҳои тафоҳум ва гуфтор низ мусоидат кунад. Бо ёрии видеоҳо, метавон на танҳо маводи наврo аз худ кард, балки сатҳи азхудкунии маводи омӯхташударо санҷид, нутқи шифоҳиро инкишоф дод ва тавассути гӯш кардан нутқи хориҷиро метавон дуруст дарк намуд. Дар охир метавон хулоса кард, ки самаранокии истифодаи маводи видеоӣ ва видеофилмҳо ҳамчун маводи мултимедиявӣ дар он аст, ки онҳо ҳам аз лиҳози дидан ва ҳам шунидан маълумоти заруриро дар хотираи донишҷӯён қавӣ нигоҳ медоранд. Дар баробари тамошо кардани маводи видеоӣ, пешниҳоди машқу супоришҳо ва истифодаи амалии маводи омӯхташуда ба рушди салоҳияти лингвистӣ, касбӣ, иҷтимоию ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ мусоидат хоҳад кард.Барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда интихоб ва истифодаи маводи видеоӣ басанда набуда, методи махсуси кор бо видеоро талаб менамояд. Хусусиятҳои педагогию равонӣ ва методии маводи видеоӣ ҳатман ба инобат гирифта шуда, коркарди методии видеоӣ ва дар заминаи он пешниҳод гаштани машқу супоришҳо талаботҳои кор бо маводи видеоӣ ба шумор меравад. Бо вуҷуди мавҷуд набудани дастурамалу роҳнамоҳои махсуси истифодаи маводи видеоӣ, омӯзгорро зарур аст, ки ба илми методика такя намуда, аз интихоби маводи видеоӣ то ба истифода шудани он меъёрҳо ва талаботҳои алоҳидаро риоя намояд.

## ПАЙНАВИШТ:

1. Ашрапов, Б.П. Эффективность видеоматериалов для обучения иностранному языку / Б.П. Ашрапов // Международный журнал гуманитарных и естественных наук. – 2022. – № 4-1(67). – С. 74-76. – DOI 10.24412/2500-1000-2022-4-1-74-76.
2. Верисокин,Ю.И.Видеофильм как средство мотивации школьников при обучении иностранному языку/Ю.И.Верисокин//Иностранные языки в школе.-2011.-№ 5.
3. Гальскова, Н.Д. Современная методика обучения иностранным языкам: Пособие для учителя / Н.Д. Гальскова. – 2-е изд., перераб. и доп. М.: АРКТИ, 2013.
4. Гальскова,Н.Д.Теория обучения иностранным языкам/Н.Д.Гальскова.-Москва:Академия, 2012.
5. Зимняя И.А. Психология обучения иностранным языкам в школе / И.А. Зимняя.-М.: Просвещение, 2011.
6. Каменецкая, Н.П. Применение информационных технологий на уроках иностранного языка//Н.П. Каменецкая, В.А. Ефременко / Иностранные языки в школе.-2007.-№8. – С. 18-22.
7. Малычева, М.Ю. Использование видеофильмов при обучении иностранному языку в средней общеобразовательной школе / М.Ю. Малычева // Иностранные языки в школе. 2011. №4.
8. Пассов, Е.И. Урок иностранного языка в средней школе: учебное пособие / Е.И. Пассов. М.: Книга, 2009. 212 с.
9. Рогова Г.В. Методика обучения английскому языку на начальном этапе в средней школе/Г.В.Рогова,И.Н.Верещагина. – М.: English Publication, 1986. – 224с.
10. Соколова,Е.Н.Методика обучения иностранным языкам:Продвинутый курс:Пособие для студентов педагогических вузов и учителей/Е.Н.Соколова.-М.:АСТ Издательство,2008.-271 с.
11. Щукин, А.Н. Современные интенсивные методы и технологии обучения иностранным языкам/А.Н.Щукин. – М.: Филоматис, 2008. – 188 с.
12. http://www.ucheba.com/met_rus/k_inostrannyi/engl_play.htm
13. http://www.vevivi.ru/best/Razvitie-kommunikativnoi-kompetentsiiref197594.html
14. https://didaktica.ru/osnovy-obshhej-didaktiki/172-organizacionnye-formy-obucheniya.html
15. http://www.moluch.ru/conf/ped/archive/22/2161
16. http://dic.academic.ru

## REFERENCES:

1. Ashrapov, B.P. Effectiveness of video materials for foreign language teaching / B.P. Ashrapov // International Journal of Humanities and Natural Sciences. – 2022. – No 4-1(67). – P. 74-76. – DOI 10.24412/2500-1000-2022-4-1-74-76.
2. Verisokin, Yu.I. Video as a means of motivating schoolchildren in teaching a foreign language / Yu.I. Verisokin // Foreign languages at school. 2011. No. 5.
3. Galskova, N.D. Modern methodology for teaching foreign languages: a manual for a teacher / N.D. Galskov. -2nd ed., Refined. and add. - M.: Arcti, 2013.
4. Galskova, N.D. Theory of teaching foreign languages / N.D. Galskova, N.I. Ges. Moscow: Academy, 2012.
5. Zimnaya,I.A.Psychology of teaching foreign languages at school/I.A.Zimnaya.-M.:Education, 2011.
6. Kamenetskaya N.P., Efremenko V.A. The use of information technologies in foreign language lessons // Foreign languages at school, 2007. No. 8. – P. 18-22.
7. Malycheva, M.Yu. Using videos in teaching a foreign language in a secondary school / M.Yu. Malycheva // Foreign languages at school. 2011. No. 4.
8. Passov E.A foreign language lesson in secondary school: Textbook/E.I.Passes.M.:Book,2009.212 p.
9. Rogova G.V., Vereshagina I.N. Methods of teaching English at the initial stage in high school. – M.: English publication, 1986. – 224 p.
10. Sokolova E.N. Methods of teaching foreign languages: an advanced course: a manual for students of pedagogical universities and teachers. - M.: ACT Publishing House, 2008. – 271 p.
11. Shukin A.N. Modern intensive methods and technologies for teaching foreign languages. - M.: Filomatis, 2008. – 188 p.
12. http://www.ucheba.com/met_rus/k_inostrannyi/engl_play.htm
13. http://www.vevivi.ru/best/Razvitie-kommunikativnoi-kompetentsiiref197594.html
14. https://didaktica.ru/osnovy-obshhej-didaktiki/172-organizacionnye-formy-obucheniya.html
15. http://www.moluch.ru/conf/ped/archive/22/2161
16. http://dic.academic.ru